**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи доктории Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод гардидааст.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки таҳқиқи ҷанбаҳои забонии баъзе намунаҳои воситаҳои тасвири бадеӣ ва муайян намудани вижагиҳои тарҷумаи онҳо дар заминаи матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба ҳалли як қатор мушкилоти мавҷуда дар самтҳои забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума мусоидат менамояд.

Маврид ба зикр аст, ки дар диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна таҳти унвони «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)» яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷума матраҳ гардидааст, ки аҳаммияти илмӣ ва амалии онро меафзояд.

Натиҷаи баррасии автореферати диссертатсия нишон дод, ки диссертант дар ин ҷода солҳои зиёд ба омӯзишу пажуҳиши вижагиҳои муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ машғул шуда, таҳқиқоти муҳим анҷом додааст, ки натиҷаи таҳқиқи ӯ дар 43 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 17 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Воситаҳои тасвири бадеӣ яке аз масъалаҳое мебошад, ки дар маркази таваҷҷуҳи забоншиносони хориҷию ватанӣ қарор дошта, як қатор ҷанбаҳои он мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтаанд. Бояд гуфт, ки баррасии ҷанбаҳои забонии воситаҳои тасвири бадеӣ ва муайян намудани усулҳои интиқоли онҳо аз як забон ба забони дигар то ҳол мавриди омӯзиши пурра қарор нагирифтааст ва низоми умумӣ ва ягонае дар тарҷума ва истилоҳнигории онҳо дар фарҳангҳову корҳои таҳқиқотӣ ба назар намерасад.

Муҳаққиқ андеша дорад, ки «аксари олимони соҳа воситаҳои баён ва навъҳои онро ҷавҳари асосии адабиёти бадеӣ мешуморанд, ки ин аз пажуҳишҳои мондагору муассири нашршудаи онҳо гувоҳӣ медиҳад, яъне баъзе ҷанбаҳо ва усулҳои баёну роҳҳои ифодаи онҳо дар таҳқиқ ва асарҳои илмии муҳаққиқон муайян шудааст» (с. 6), вале ба ҳар ҳол баъзе паҳлуҳои

воситаҳои тасвири бадеӣ дар адабиёти бадеии тарҷумашуда то ҳол норавшан мондаанд, ки ба мазмуни матни тарҷума таъсири манфӣ мерасонанд. Пажуҳиши мазкур барои бознамоии мушкилоти ошкоршуда кумаки илмию амалӣ мерасонад.

**Мақсади таҳқиқ** баррасӣ ва таҳлили ҷанбаҳои забонии воситаҳои тасвири бадеӣ аз нигоҳи тарҷума дар заминаи матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад. Ҳамчунин, ҳадафи муаллиф дар муайян намудани сохтор, маъно, роҳҳои ифода ва вижагиҳои вазифавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар забонҳои мавриди назар инъикос меёбад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Дар диссертатсия бори нахуст воситаҳои тасвири бадеӣ дар матнҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба таври муқоиса таҳлил гардида, вижагиҳои хоси тарҷумаи онҳо аз ҷониби муаллиф муайян шудаанд. Ҳамчунин, дар таҳқиқи диссертатсионии мазкур роҳҳои ифодаёбии воситаҳои тасвири бадеӣ дар таркиби воҳидҳои бемуодил нишон дода шуда, усулҳои тарҷумаи онҳо дар матни асл ва тарҷума таҳлил гардидааст.

Диссертатсия аз муқаддима, 5 боб, 19 фасл, 8 зерфасл, хулоса иборат буда, дар доираи онҳо масъалаи таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба пуррагӣ ҳаллу фасл гардидааст. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ мантиқан дуруст пешниҳод гардида, рӯйхати адабиёт тибқи талабот таҳия гардидааст.

Муқаддимаи автореферат тибқи меъёр таҳия шуда, ба талабот ҷавобгӯ аст.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсия, ки бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таълиф шудааст, мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос карда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат баъзе камбудиҳоро низ мушоҳида кардан мумкин аст:

1. Агар андешаҳои муҳаққиқони тоҷик роҷеъ ба воситаҳои тасвири бадеӣ истифода мешуд, ба беҳбудии кор мебуд.
2. Дар саҳифаҳои автореферат баъзе камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм расиданд.

Камбудиҳои мазкур, ки дар автореферат ҷой доранд бе ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии онро паст намекунанд ва дар корҳои оянда тасвия дода мешаванд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)» ба талабот ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

**Муқарриз:**
Доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Шокириён Туғрал Сироҷзода

**Нишонӣ:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 12,
бинои истиқоматии 36, ҳуҷраи 2.
Тел.: (+992) 926-34-51-00
E-mail: shokirov1953@mail.ru

Имзои Т.С. Шокириёнро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кардҳо ва корҳои махсуси
ДДҲБСТ Бобоев Анвар Хуҷаевич

**Нишонии муассиса:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 17, бинои 1
Тел: +9923422 2-38-11
E-mail: tsulbp@rambler.ru
tsulbp.tj

30.04.2025